ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3. - Педагогика (5.3.5.9 - Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)). Душанбе, 2026

Такмили таълими забони англисӣ дар шароити густариши робитаҳои байналмилалӣ ва афзоиши талабот ба муошират илмӣ ва касбӣ яке аз масъалаҳои муҳими маориф мебошад. Самаранокии ин раванд ба интихоби методҳое вобаста аст, ки таълимгирандаро ба истифодаи амалии забон, ҳамкорӣ ва баёни мустақилонаи андеша ҷалб мекунанд. Дар ин замина омузиши имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ, муайян намудани шартҳои истифодаи онҳо ва арзёбии натиҷаҳои таълимӣ аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Мавзуи диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Мубрамияти он бо зарурати ташкили фаъолияти фаъоли нутқӣ, тақвияти ангезаи омӯзиш ва пайвастани донишҳои забонӣ ба вазъиятҳои муошират асоснок мегардад. Ҷанбаи муҳимми таҳқиқот баррасии бозии дидактикӣ ҳамчун воситаи мақсадноки таълим мебошад, ки арзиши он аз мутобиқат ба вазифаи дарс ва натиҷаи пешбинишаванда муайян мешавад.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф асосҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳоро дар зинаҳои гуногуни таълими забони англисӣ таҳлил карда, барои интихоб ва татбиқи онҳо низоми методӣ пешниҳод намудааст. Мақсади таҳқиқот, дар баробари асосноккунии назариявӣ, санҷиши таҷрибавии самаранокии низоми таҳияшударо дар шароити таълими донишҷуёни ихтисосҳои ғайризабонӣ дар бар мегирад. Барои иҷрои вазифаҳо таҳлилу муқоисаи сарчашмаҳо, мушоҳида, суҳбат, пурсиш, озмоиши педагогӣ ва усулҳои коркарди оморӣ истифода шудаанд.

Навгонии илмии дар автореферат баёншуда ба муайян кардани принсипҳо ва меъёрҳои интихоби бозиҳои дидактикӣ, таснифи онҳо аз руйи вазифаҳои таълимӣ ва таҳияи низоми истифодаи марҳилавии бозиҳо алоқаманд аст. Муаллиф робитаи маводи забонӣ, амали забонӣ, вазифаи бозигарона, амали нутқӣ ва ҳамкории коммуникативиро шарҳ медиҳад. Низоми пешниҳодшуда ҷузъҳои мақсадӣ, мазмунӣ ташкилию технологӣ ва натиҷавию арзёбиро фаро мегирад. Муттаҳид кардани ин ҷузъҳо имкон медиҳад, ки бозӣ дар сохтори дарс вазифаи муайян дошта, натиҷаи он арзёбӣ гардад.

Аҳаммияти назариявии кор дар низомманд намудани донишҳо оид ба имкониятҳои педагогии бозиҳо ва шарҳи робитаи онҳо бо рушди малакаҳои забонӣ ва нутқӣ зоҳир мешавад. Аҳаммияти амалии он бо

пешниҳоди алгоритми интихобу мутобиқсозии бозиҳо, намунаҳои супоришҳо, воситаҳои ташхис ва тавсияҳои методӣ муайян мегардад. Ин мавод барои омӯзгорон ҳангоми тарҳрезии машғулиятҳои фаъол метавонад муфид бошад. Истифодаи он дар муҳитҳои дигари таълимӣ мутобиқсозӣ ба синну сол, сатҳи забондонӣ ва эҳтиёҷоти таълимгирандагонро талаб мекунад.

Мувофиқи маълумоти автореферат, диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Сохтори пешниҳодшуда масъалаҳои назарияӣ, хусусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногун ва санҷиши таҷрибавии методикаро пайдарпай фаро мегирад.

Боби якум **«Ҷанбаҳои назариявии нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ»** заминаҳои педагогӣ ва методии истифодаи бозиҳоро шарҳ медиҳад. Дар он бозӣ ҳамчун воситаи таълиму тарбия, технологияҳои татбиқи он ва хусусиятҳои муҳити дузабонӣ баррасӣ мешаванд. Таҳлили мазкур барои муайян кардани мақом ва вазифаи бозии дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ асос фароҳам меорад.

Дар боби дуюм **«Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаи ибтидоии таълими забони англисӣ»** таваҷҷуҳ ба ташаккули малакаҳои аввалияи забонӣ равона шудааст. Бозиҳои фонетикӣ, луғавӣ ва грамматикӣ дар робита бо имкониятҳои фаъолгардонии таълимгирандагон таҳлил мегарданд. Масъалаи гузариши тадриҷӣ аз такрори намунаҳои забонӣ ба амали одии нутқӣ ҷанбаи методии муҳимми ин боб мебошад.

Боби сеюм **«Хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ»** равияҳои методологӣ, самти коммуникативӣ ва робитаи омӯзиши забонро бо омодагии касбии донишҷӯён фаро мегирад. Дар он ҳамгироии намудҳои фаъолияти нутқӣ, рушди мустақилият, рефлексия ва ба назар гирифтани фарқиятҳои инфиродӣ баррасӣ шудаанд.

Дар боби чорум **«Бозиҳои забонӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар таълими забони хориҷӣ»** мафҳуми бозии забонӣ ва имкониятҳои таълимии он таҳлил мешаванд. Ҳамчунин масъаладҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои олии ғайризабонӣ, кори мустақилонаи донишҷӯён ва истифодаи технологияҳои муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Пайвастани ин масъалаҳо ба вазифаҳои муошират касбӣ аҳаммияти амалии бобро муайян мекунад.

Боби панҷум **«Технологияи истифодабарии бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ»** роҳҳои татбиқи низоми пешниҳодшуда ва озмоиши педагогиро дар бар мегирад. Дар Донишгоҳи давлатии Данғара 240 донишҷӯ ба ду гурӯҳи 120- нафарӣ ҷалб шудаанд. Тибқи натиҷаҳои овардашуда, ҳиссаи сатҳи баланди омодагӣ дар гурӯҳи озмоишӣ аз 15,0 то 38,3 фоиз ва дар гурӯҳи назоратӣ аз 15,8 то 20,8 фоиз афзудааст.

Дар маҷмуъ, автореферат мақсад, вазифаҳо, навгонии эълоншуда, мазмуни асосии бобҳо ва натиҷаҳои тадқиқотро муаррифӣ менамояд. Руйхати асарҳои муаллиф аз пешниҳоди натиҷаҳо дар шакли маҷолаҳо, монография, дастурҳои таълимӣ ва китоби дарсӣ шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, мутобиқати маълумоти умумии интишорот бо руйхати номгуйҳо бояд дақиқ карда шавад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати зикршуда, барои такмили автореферат мулоҳизаҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Муқоисаи мухтасари хусусиятҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсил метавонад барои омӯзгорон дар интихоби бозиҳои мувофиқ муфид бошад;

2. Дар баъзе мавридҳо такрори андешаҳо ва норасоиҳои ҷузъии имлою услуб ба назар мерасанд.

Мулоҳизаҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии таҳқиқотро коста намегардонанд. Бартараф кардани онҳо имконият медиҳад, ки дастовардҳо ва ҳудуди татбиқи низоми пешниҳодшуда равшантар арзёбӣ гарданд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи **“Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ”** ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3. - Педагогика (5.3.5.9. - Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)) мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ
ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Иззатова Муҳаббат Иноятовна

“Имзои профессор Иззатова М.И.-ро
тасдиқ мекунам»
Сардори РК ва КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатзода М.А.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

«_____» ноябри 2026